«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», д.и.и., профессор
_______________ Қурбонзода М.Р.
«__» _____06_____ соли 2024

**ХУЛОСАИ**

кафедраи педагогикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», ба кори диссертатсионии омӯзгори кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиш Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) – 6D010101.01- Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)) пешниҳод шудааст.

Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович 09.01.1996 дар ноҳияи Қумсангир (ҳозира Ҷайҳун) ба дунё омадааст. Мавсуф соли 2014 ба Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар) ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст. Соли 2018 дар факултети педагогика ва варзиш, ихтисоси таҳсилоти ибтидоии зинаи магистратура дохил шуда, онро соли 2020 бо муваффақият ба итмом расонид.

Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович айни ҳол дар кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳайси омӯзгори фанни педагогика кору фаъолият дорад.

Мавзуи рисолаи илмии Раҷабов В.Д. аз таърихи 30.11.2021 бо қарори ҷаласаи №4-и Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав зери унвони «Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила» зери роҳбарии

номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич тасдиқ гардидааст.

Соли 2020-2023 дар зинаи докторантура (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (илмҳои педагогӣ) дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таҳсил карда, онро бо муваффақият хатм намудааст. Имтиҳонҳоро бо баҳои зерин супоридааст:

1. Методикаи таълим дар мактабҳои олӣ - 5 (аъло).
2. Методологияи тадқиқоти илмӣ - 4 (хуб).
3. Забони хориҷӣ (англисӣ) - 5 (аъло).
4. Назария ва методикаи касбӣ - 5 (аъло).
5. Психологияи педагогӣ - 5 (аъло).
6. Психологияи иҷтимоӣ - 5 (аъло).
7. Методҳои ибтикоротии инноватсионии таълим - 5 (аъло).
8. Назария ва методикаи таълими касбӣ - 5 (аъло).
9. Имтиҳони маҷмуӣ - 5 (аъло).

Маълумотномаи академӣ дар бораи азбар намудани фанҳои таълимӣ тибқи талаботи нақшаи таълимӣ ва хатми доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисос аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 16-уми сентябри соли 2024, №01/22 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Диссертатсияи Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович дар кафедраи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳия гардида, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир – шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила равона гардидааст.

Дар баромади худ Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот сухан ронда қайд намуд, ки масъалаи рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила дар шароити муосир яке аз қисматҳои бисёр арзишманд ва зарурии самти омӯзишу парвариш маҳсуб меёбад. Имрӯз дар маҷмуъ дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурии мо корҳое анҷом дода мешаванд, ки ба такмили низоми тарбия нигаронида шудаанд.

Масъалаи шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила дар рисолаи муҳаққиқ мақсадҳои зеринро дар бар мегирад: ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври озмоишӣ санҷидани шароити мусоиди педагогии идоракунии сифати ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила.

**Навгонии илмӣ таҳқиқоти диссертатсионии** довталаби дараҷаи илмӣ Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович дар он аст, ки муҳаққиқ:

- бори нахуст дар илми педагогикаи ватанӣ масъалаи шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оиларо мавриди таҳқиқ қарор додааст;

- мафҳуми “Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила” аниқ ва пурра карда шудааст;

- амсилаи ҳамкории педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила, ки ба рушди ҳамаҷониба ва мутобиқсозии иҷтимоии кӯдак нигаронида шудааст, таҳия ва амалӣ гардидааст;

- шароитҳои педагогии роҳбарӣ, сифати ҳамкорӣ, шаклҳои ҷалби падару модарон ва шаклҳои ғайрианъанавии ҳамкории муассисаҳои томактабӣ бо падару модарон муайян ва асоснок карда шудаанд;

- ғояҳои бунёдии назария ва амалияи ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ бо оила омӯхта шуда, заминаи зарурии назариявӣ оид ба проблемаҳои идоракунии сифати ҳамкории педагогии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила асоснок карда шудааст;

- меъёрҳо ва сатҳу дараҷаи ҳамкории педагогӣ, ки боиси ба мақсад мувофиқ идора кардани сифати ҳамкории педагогии муассисаҳои томактабӣ ва оила мегарданд, муайян ва асоснок карда шуданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ ва усулҳои таҳқиқот** мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот амалӣ шудаанд, аз он ҷумла:

- методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтанд:

- методҳои назариявӣ, муқоисавӣ - таърихӣ, таҳлили адабиёти педагогӣ ва илмию методӣ, ҳуҷҷатҳо доир ба масоили таҳсилот ва оила, санадҳои фаъоли меъёрию ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои вобаста ба ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила, синтез, муқоиса, хулосабарорӣ ва методи амсиласозӣ истифода шудаанд;

- методҳои эмпирикӣ, ки дар маҷмуъ, мавриди истифода қарор гирифтанд, шомили мавридҳои зерин мебошанд: муқоисаи педагогӣ, мушоҳида, пурсиш, анкетапаҳнкунӣ, суҳбат бо кӯдакон, мураббияҳо ва волидон, сарварони муассисаҳои томактабӣ, озмоиши педагогӣ, методҳои омории математикӣ, ки ҳангоми коркарди маълумоти бадастоварда мавриди истифода қарор мегиранд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) - 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)), аз он ҷумла, ба банди 1 – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 11 – Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 – Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагарӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷҷасум меёбад.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба докторант аз ҷониби иштирокдорони ҷаласа (н.и.п. Бобоева Г.Ш., н.и.п. Ҳалимов З.М., н.и.п. Сидиқова З.Қ.) саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризони холис Файзализода Баҳрулло Файзалӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; Каримова Шарифа Рамазоновна - номзади илмҳои педагогии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; Раҳимов Сафаралӣ Боймуродович - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва саҳми докторант баромад ва қайд намуданд, ки саҳми шахсии докторант дар он зуҳур меёбад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст.

Ҳамчунин, аъзои ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ Бобоева Г.Ш., номзади илмҳои педагогӣ Саидов С.Ш. ва номзади илмҳои педагогӣ Ҳалимов З.М. ба музокира баромаданд. Онҳо ақидаҳои худро баён намуда, оид ба кори таҳқиқотии докторант (PhD)-и кафедра Раҷабов В.Д. баҳои мусбат дода, тавсияҳои худро пешниҳод намуданд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 8 мақолаи илмии зерин, ки 6-тоаш дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

[1-М] Раҷабов В.Д. Рушди шаклҳо чун шартҳои ҳамкориҳои коллективӣ - педагогӣ волидайни тарбиягирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ / [Матн] // В.Д. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2021, №1/2 (86)-С. 84-87. ISSN 2663-5534.

[2-М] Қурбонов Ф.А., Раҷабов В.Д. Ташаккул ва рушди ҳамкориҳои самараноки педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила/ [Матн] // Ф.А. Қурбонов, В.Д. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2021, №1/3 (89)-С. 99-111. ISSN 2663-5534.

[3-М] Раҷабов В.Д. Ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар тарбияи насли наврас / [Матн] // В.Д. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2022, №1/1 (95)-С. 139-143. ISSN 2663-5534.

[4-М] Раҷабов В.Д. Андешаҳои олимони соҳаи педагогика оид ба ҳамкориҳои судманд дар кори муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила / [Матн] // В.Д. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2022, №1/2 (98)-С. 102-105. ISSN 2663-5534.

[5-М] Раҷабов В.Д. Шаклҳои аёнӣ - иттилоотии ташкили муоширати омӯзгорону волидайн дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ / [Матн] //

В.Д. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022, №9-С. 249-256. ISSN 2074-1847.

[6-М] Раҷабов В.Д. Муносибати педагогҳои таҷрибадори муосир ба масъалаи ҳамкориҳои муассисаи таълимии томактабӣ ва оила / [Матн] // В.Д. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023, №1-С. 234-242. ISSN 2074-1847.

[7-М] Раҷабов В.Д. Корҳои тарбиявӣ дар оила ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ / ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 24 феврали соли 2023 // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи "Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона" - Душанбе, 2023.- С. 137-139.

[8-М] Раҷабов В.Д. Ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оила ҷиҳати таҳкими донишҳои экологии тарбиятгирандагон. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Тарбияи экологӣ - омили ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии хонандагон" // Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 30 апрели соли 2024. - Душанбе, 2024. - С. 86-92.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласа кафедраи педагогикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи илмии докторант (PhD)-и кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила» кори бaанҷомрасида ҳисоб карда шавад.
2. Диссертатсияи илмии докторант (PhD)-и кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ

ва оила» барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», аз 12.06.2024 №10А қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 25-нафар иштирок доштанд,

Натиҷаҳои овоздиҳӣ:

Тарафдор - 25 нафар;

Зид-нест;

Бетараф-нест.

Раиси ҷаласаи кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав», номзади
илмҳои педагогӣ Бобоева Г.Ш.

Котиби ҷаласа, номзади
илмҳои педагогӣ Каримова М.М.

12.06.2024

*Имзои Г.Ш. Бобоева ва М.М. Каримоваро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992-3222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: bgu-1978@mail.ru